**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович дар мавзӯи “Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.08-Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ**

Ташаккул ва таҳаввули адабиёти ирфонии форсу тоҷик ба номи шахсиятҳое вобастагӣ дорад, ки бо таълифоти гаронмояи хеш тафаккуру ҷаҳоншиносии ҷараёни бонуфузи мазҳабию фалсафии тасаввуфро пайрезӣ намудаанд. Азизуддини Насафӣ дар шумори бузургтарин суханварони асри сездаҳуми милодии форсу тоҷик қарор дорад, ки бо эҷоди равиши тозаи баён, услуби хос ва тафаккури тозаи орифона дар паҳнои адабиёти форсу тоҷик ҷойгоҳи хоси худро пайдо намуда, дар таҳаввули насри ирфонии форсу тоҷик нақши муассир гузоштааст. Ба қалами ӯ беш аз 30 рисолаи илмии ирфонӣ тааллуқ дорад, ки дар онҳо масоили мубрами тасаввуфи исломӣ шарҳу тавзеҳи худро пайдо кардаанд.

Омӯзиши намояндагон ва осори адабиёти ирфонии асрҳои XII-XIII, ки аз арзишмандтарин давраи адабиёти форсии тоҷикӣ ба шумор меравад, кори муҳимми адабиётшиносӣ маҳсуб меёбад. Зеро муҳтавои онҳо панду ҳикмат, фалсафа, тафсири оёту ҳадис, ишқу ақл, шарҳи ахлоқу одоби нек, илму маърифат, тариқату шариат, ҳолоти ваҷди сӯфиёна ва ҷазбаи илоҳӣ буда, дар тарбияти инсони комил ва ҷаҳонбинии ӯ нақши муассире доштаанду доранд. Машҳуртарини осор дар ин айём «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттори Нишопурӣ, «Эҳё-ул-улумаддин» ва «Кимиёи саодат»-и Муҳаммади Ғаззолӣ, ки беҳтарин китоби таълимӣ бо насри сода ва фасеҳу равон буда, дар шарҳу тарҳи тасаввуф назир надоранд. «Кашф-ул-ҳақоиқ», «Инсони комил»-и Азизуддини Насафӣ, китобҳое чун «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ, «Рисолат-ут-тайр»-и Абӯалӣ ибни Сино, «Тамҳидот»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, «Маориф»-и Баҳоуддини Валад, «Авориф-ул-маориф»-и Шаҳобуддини Суҳравардӣ, «Кашф-ул-асрор»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, «Асрор-ут-тавҳид»-и Абӯсаиди Абулхайр, «Фусус-ул-ҳикам» ва «Футуҳот-ул-маккия»-и

Муҳйиддини Арабӣ, «Усул-ул-ашара»-и Наҷмуддини Кубро, «Тӯҳфат-ул-барара»-и Маҷдуддини Бағдодӣ, «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ ва садҳо асари ирфонии дигар аз ин даврони тиллоии адабиёти ирфонӣ равшангари асрорҳо аст.

Аз таърихи ташаккули адабиёт ва ирфони форсӣ-тоҷикӣ бармеояд, ки Азизуддини Насафӣ баробари кӯшиши беандоза дар густариши тафаккури ирфонии форсӣ аз нахустин касоне аст, ки насри сӯфияро бо маънои комили хеш равнақ бахшида, дар навъҳои мухталифи он маҳорати сухангустариашро таҷриба намудааст. Таълифоти ин нависандаи ориф дар кишварҳои ҳамзабон нашр ва мероси адабиву ирфонии ӯ дар кишварҳои мухталифи олам ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Аммо бо он ки ин нависандаи барӯманд ва орифи комилиёр дар қаламрави ирфон ҷойгоҳи хосаи худро дарёфтааст, дар адабиётшиносии тоҷик ба таври бояду шояд мақоми ҳунарӣ, сабку услуби осори ӯ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Ҳамин зарурат ва ба таври кофӣ омӯхта нашудани мавзӯъ барои таваҷҷӯҳ ба таҳқиқи поэтикаи насри ирфонӣ, яъне сабку услуби осори ирфонии Азизуддини Насафӣ шароит пеш меоварад ва баробари ин тақозо дорад, ки мақоми Азизуддини Насафӣ дар адабиёти форсу тоҷик ҳамчун нависандаи соҳибназар таҳқиқ шуда, ҷойгоҳи вай дар густариши насри ирфонӣ муқаррар гардад.

Бо назардошти ҳамин нукоти қобили аҳаммият диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович, пеш аз ҳама бар асоси равишҳои таҳқиқи адабиётшиносӣ ба қалам омада, ба мероси ирфонии Азизуддини Насафӣ ҳамчун таълифоти адабӣ ва дорои арзишҳои адабӣ баҳои илмӣ дода шудааст, ки ин шеваи таҳқиқ барои муқаррар намудани мақоми ӯ ҳамчун нависанда дар ташаккули насри ирфонии форсу тоҷик имконият фароҳам овардааст

Рисолаи диссертатсионии Сатторов Ҳабибулло Ҷабборович "Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)"ба баррасии вежагиҳои сабкӣ ва арзишҳои адабии осори мансури ин шахсияти ориф

қарор гирифтааст. Диссертант зиндагиномаву мероси адабиву ирфонии Азизуддини Насафиро низ дар баробари дигар арзишҳои адабии меросаш ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Сарчашмаи муътамади омӯзиши рӯзгор ва мероси ин адиб, пеш аз ҳама, асарҳои худи вай мебошанд, ки дар онҳо бар асоси талаботи иншо ҷо-ҷо аз рӯзгор ва аҳволу ақволи хеш, хоса дар иртибот ба макотиби тасаввуфи замон зикри матолиб рафтааст. Таваҷҷуҳи муаллифи рисола ба ҳамин масъала ва дар асоси осори худи нависанда барқарор намудани нуктаҳои муҳими зиндагиномаи адиб арзиш ва аҳамияти бахши баррасиҳои марбут ба тарҷумаи ҳоли Насафиро бештар гардонидаанд.

Дар ҷараёни таълифи рисола диссертант худро ҳамчун муҳаққиқи кӯшову ҷӯё нишон дода, аз муҳимтарин равишҳои тадқиқоти илмӣ ба кор гирифта, муқоисаву муқобилаҳои фикрӣ, матншиносӣ, шарҳу тафсири андешаву афкори адабиву ирфонии зиёде ба сомон расонидааст, ки ҳамагӣ ба доираи васеи мутолеаи сарчашмаҳо, осори донишмандони ватаниву хориҷӣ, инчунин истиқлоли назар ба ҳангоми баёни андешаҳои илмӣ ишорат мекунанд.

Барои муқаррар намудани арзишҳои адабии осори нависанда диссертант ба шеваҳои корбурди ашъор, ҳикоёт, амсолу ҳикам ва дигар падидаҳои ҳунарӣ дар таълифоти Насафӣ иқдом намуда, фазилатҳои хоси сабки нигориши нависандаро бо муҳимтарин вежагиҳои насри ирфонӣ муқоиса ва дар зимн сабки хоси нигориши нависандаро муқаррар сохтааст, ки ин аҳамият яке аз арзишҳои илмии диссертатсияро ҳамчун рисолаи пажӯҳишии адабиётшиносӣ бозгӯӣ мекунад. Дақиқ намудани сарчашма ва муаллифони аслии ашъор ва гунанокии онҳо, баҳси интисоби шеърҳо ба чанд шоир ва бар асоси сарчашмаҳо дақиқ намудани муаллифони аслӣ низ аҳамият ва арзишҳои адабии диссертатсияро муайян месозанд, ки ҳамагӣ ба кӯшишу талош ва ҷусторҳои муаллиф таъкид мекунанд.

Диссертатсия аз нигоҳи назариявӣ қавӣ буда, ба меъёрҳое, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон нисбат ба таҳқиқотҳои номзадӣ пешниҳод кардааст, ҷавобгӯ мебошад. Натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертант боварибахш буда, бо санадҳои эътимоднок асоснок карда шудаанд. Забони кор содаву равон ва комилан илмӣ аст ва мувофиқ ба талаботи рисолаҳои илмӣ мебошад.

Ба ин тариқ, диссертатсияи Сатторов Ҳабибулло Ҷабборовичро дар мавзӯи "Мақоми Азизуддини Насафӣ дар ташаккули насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик (масъалаҳои сарчашмашиносӣ ва поэтика)" кори илмии баитмомрасида меҳисобем ва барои муҳокима ва дифоъ дар шурои диссертатсионӣ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.08- Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ, доктори илми филология,
профессори кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Восиева Р.Қ.

Имзои Восиева Р. Қ.-ро тасдиқ мекунам:
сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.

Суроға: 734003 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,121, Тел: 224-13-83 e-mail: info tgpu@.tj

Сана "16 01"соли 2023